**НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №8**

Шӯрои олимони факультети филологияи руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 14 марти соли 2022 ш.Душанбе

Иштирок доштанд: 18 нафар аъзоёни Шӯрои олимон.

**РӮЗНОМА:**

1. Муҳокимаи диссертатсияи Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи "Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**БАРОМАД КАРДАНД:**

1. Довталаб Давлатзода Ҷамила бо мӯҳтаво ва мундариҷаи кори диссертатсионии хеш шинос намуд.

Муқарризони холиси диссертатсия Мухаметов Гапур Бабаевич - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факутети филологияи руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирзоев Абдулазиз Раҷабович– профессори кафедраи низоми технология ва иттилоотии Донишгохи байналмиллалии сайёҳӣ ва хизматрасонии Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Давлатзода Ҷамила баҳои мусбӣ доданд. Муқарризон қайд намуданд, ки пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълиму тарбия, такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар метавон истифода кард. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 81 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба

талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 52 номгӯй интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар теъдоди 40 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

Диссертатсияи Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи "Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа 18 нафар аъзоёни Шӯрои олимон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -18 нафар, зид – нест, бетараф-нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои олимони факультети филологияи рус, доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Мухаметов Г.Б.

Котиби илмии Шӯро — Давлатов М.А.